***Т А Қ Р И З И***

***муқарризи расмӣ Туев Шоҳин Шоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ба диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (дар мисоли фанҳои риёзӣ – табиӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ)***

Аз замони соҳибистиклол гардидани мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешрафти соҳаи илму маориф, ки ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ маҳсуб мёебад, аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, барои рушди илмҳои риёзӣ – табиӣ, техникиву табиатшиносӣ ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, технологияҳои омӯзиши таҳсилоти фосилавӣ, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Бо баробари эълон гардидани солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» карорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат ба тасвиб расид ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувazzаф шуд, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимиро таҷдиди назар карда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим диккати аввалиндараҷа диҳад, зеро дар ҷаласаи якуми Шӯрои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 15 – уми апрели соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин садо дод: “Сатҳи рушди илм, технологияҳо ва суръати пешрафти техникиву технологии кишварҳои рушдёфтаи дунё барои олимону ихтироъкорон ва махсусан, наврасону ҷавонони мо бояд намунаи ибрат ва омӯзиш бошад”.

Таълими фосилавӣ – марҳилаи нави таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар асоси истифодаи компютерҳои фардӣ, технологияҳои видеоӣ ва аудиоӣ, фазоӣ ва оптикӣ таъмин менамояд. Таълими фосилавӣ – ин таълими мунтазами мақсаднок мебошад, ки дар масофаи дуртар аз маҳалли ҷойгиршавии муаллим гузаронида мешавад. Имрӯзҳо таълими фосилавӣ торафт маъмултар шуда истодааст, ки масъалаи актуалии истифодаи усулҳои хусусии истифодаи воситаҳои техникии таълимро афзоиш медиҳад. Айни замон, бештари одамон таҳсилоти фосилавиро интихоб карда истодаанд. Раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ

пурра бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи ***Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин*** дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, дар маҷмуъ аз 189 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, проблемаи таҳқиқот, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, асосҳои методологию назариявӣ, навгонӣ ва арзиши назариявию амалӣ, маълумот дар бораи пойгоҳи таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

*Боби якуми рисола, ки* ***"Заминаҳои назариявӣ ва методии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ"*** номгузорӣ шудааст, фарогири се зербахш буда, дар ҳар яки он муаллиф роҷеъ ба масоили зайл: самтҳои асосии сохтор, мундариҷа ва рушди таҳсилоти фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар замони муосир; намуд ва шаклҳои таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон; хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавӣ андешарониҳо намудааст.

Муаллиф дар ин боб, назария ва мавқеъҳои илмии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, махсусияи татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муҳиммии татбиқи он дар шароити муосир, инчунин дар раванди татбиқи таҳсилоти фосилавӣ таҳқиқот ва осори С. А. Богомолов (1997), В. Г. Кинелев (1999), М. В. Храмова (2000) ва Бирюкова Л.В. (2007)-ро дар диссертатсия мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант қайд намудааст, ки дар Аврупо таълими фосилавӣ дар аввали солҳои ҳафтодум босуръат инкишоф ёфта, дар як қатор Донишгоҳҳо чунин шакли таҳсилот роҳандозӣ карда шуд. Масалан, дар Британияи Кабир зиёда аз 50% барномаҳои магистрӣ дар соҳаи менеҷмент бо истифода аз усулҳои таҳсилоти фосилавӣ гузаронида мешуд. Истилоҳоти *"таҳсилоти фосилавӣ"* ва *"таълими фосилавӣ"* дар донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон аз соли 2017 фаъолона истифода мешавад. Бисёр донишгоҳҳо махсусан ДОТ дар шаҳри Панҷакент, ДОТ ба номи С.Айнӣ, ДМТ, ДТТ ба нои академик М.С. Осимӣ, ДДХ ба номи академик Б.Ғаффуров., ДДТ, ДТТ, ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва ғайра. технологияи таҳсилоти фосилавиро фаъолона ҷорӣ ва татбиқ намудаанд.

Ҳамчун яке аз ҷиҳатҳои мусбии кори диссертатсионии ***Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин*** он нуктаро қайд кардан лозим аст, ки оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ – назариявӣ дар боби аввали рисола марбут

ба татбиқи васеъи технологияҳои инноватсионӣ ва роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи маориф, технологияҳои инноватсионӣ, алалхусус таълими фосилавӣ метавонад самараи дилхоҳ диҳанд, агар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳри самаранок роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ муҳайё намудани базаи моддӣ – техникии мутобиқ ба майлу рағбати донишҷӯён ташкил карда шавад, ки аз тарафи ӯ таҳлили чуқур ва асосноки илмӣ – назариявӣ гузаронида шудааст.

*Боби дуюми рисола* **"Амсиласозии раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ"** ба таҳқиқи масъалаҳои: вазъи кунунии мушкилоти такмили методикаи таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон; технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар ҷараёни таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ оид ба самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосир бахшида шудааст.

Аз мутоила ва таҳлили ин боб бармеояд, ки муаллифи рисола ба ошкор намудани анъанаҳои рушди таҳсилоти муосир, ки барои роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ, таҳлили низомӣ – ахборотӣ муайян намудани тақсимоти захираҳои маърифатӣ, муайян намудани шакл ва методҳои таълим, ошкор сохтани шароитҳои педагогӣ, ки риояи он таъминкунандаи самаранокии таҳсилоти фосилавӣ, коркарди тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ ва омодагии мутахассисони соҳибкасб доир ба масоили мавзуи таҳқиқот ҳамаҷониба шинос гардида, онро дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст.

Дар заминаи таҳлили амиқи ин масъала муаллиф имкон пайдо кардааст, ки дар асоси натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ – озмоишӣ ба хулоса ояд, ки дар татбиқи идоракунии раванди таълим бевосита дар маврди исифодаи барномаҳои таълими фосилавӣ, технологияҳои компютериро дар таҳсилоти фосилавӣ дар якҷоягӣ бо дигар васоити техникии таълим ва бо ҳама гуна усулҳои дигари таълим истифода бурдан мумкин, технологияҳои компютерӣ барои идоракунии раванди таълим – ин идоракунии маъмурии ташкили таълим, ки дар автоматикунонии дафтари корӣ, баҳисобгирии молиявӣ, ташкил намудани махзани иттилоот дар бораи хатмкунандагон, истеъмолкунандагон, ташкили асоси ягонаи иттилоотии қабули қарор ва таъмини фаъолияти дафтари кории (офиси) худкор (автоматӣ) мебошад. Ин ҷо аллакай сухан дар бораи таъминоти телекоммуникатсионии кори ташкилоти таълимӣ вуҷуд дорад ва он қобили омӯзишу тарғиб аст.

Дар боби дуюми рисола, ки асосан характери таҷрибавӣ – озмоишӣ дорад, аз тарафи муаллиф моҳияти таҳсилоти фосилавӣ дар ташаккули малакаву маҳорати кори мустақилонаи донишҷӯ ҷиҳати азхуд намудани малакаву маҳоратҳои кори мустақилона кӯмак намудан шарти асосии татбиқи

самараноки таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим, аз лиҳози психологӣ омода намудани донишҷӯён ба таҳсил дар шароити тағйирёбанда шарти асосии татбиқи босамари раванди таҳсилоти фосилавӣ, роҳҳои дуруст истифода бурда тавонистан, аз технологияи муосири таълим дар таҳсилоти фосилавӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯён бо қобилият ва дарк намудан дар омӯзиши фанни математика бо истифодаи шароитҳои педагогии мутаносиб муайян шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст.

Бо мақсади дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳсилоти фосилавӣ бояд диққати бештар ба маҷмӯи таълимию методии электронӣ зоҳир карда шавад, ки барои азхуд намудани барномаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ мешаванд, инчунин бояд муҳити таълимию иттилоотии электроние ташкил дода шавад, ки новобаста аз макони ҷойгиршавиашон донишҷӯён барномаҳои таълимиро азхуд карда тавонанд, ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ дар таҳсилоти фосилавӣ бо истифода аз технологияи муосири иттилоотию иртиботи бояд сурат гирад тавсия ва пешниҳод намудааст.

*Навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидаи* ***Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин*** *аз инҳо иборат аст:*

- моҳият ва сохтори мафҳуми "таълими фосилавӣ", таҳияи меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он мушаххас гардонида шудаанд;
- самтҳои асосӣ, талабот ва шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар шароити таълими анъанавӣ ва фосилавӣ муайян карда шудаанд;
- технология ва усулҳои нави шаклҳои фосилавии раванди таълим дар доираи омодасозии таълимгирандагон аз рӯи фанҳои равияи табиию риёзӣ таҳия ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод карда шудааст;
- дар асоси таҳлили низомӣ-ахборотӣ тақсимоти захираҳои маърифатии Тоҷикистон ошкор сохта шудааст;
- тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

*Аҳамияти назариявии ва амалии таҳқиқот.* Натиҷаҳои ба даст омада дар таҳқиқи асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи назариявӣ хидмат менамояд. Диссертатсия мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ – риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши вусъатбахши онро ҳамчун омили боэътимод эътироф менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди омодагӣ ба дохил гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои

аёнӣ, маърӯзаю бароимадҳо оид ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ ва риояи талаботҳои он омили беҳтарин хоҳад буд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот: дар пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани рисола ба назар мерасад.

Аз ҷониби унвонҷӯ дар маҷаллаҳои илмӣ 10 мақола чоп карда шудааст, ки 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда интишор ёфтаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар рисола бо баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд бардоштани мазмун ва сатҳу сифати рисолаи илмӣ хоҳад буд:

1. Фикр мекунам, ки муаллиф агар ба ғайр аз истифодаи технологияи фосилавӣ ҳангоми омӯзиши математика дигар фанҳои риёзӣ – табиӣ – ро тавассути корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ муайян менамуд, самаранокии таҳқиқотро боз ҳам афзун мегардид.
2. Хуб мешуд, ки дар рисола таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватаниву хориҷиро ҳангоми истифодаи технологияи фосилавӣ муфассал нишон дода, хулосабарории аниқ менамуд.
3. Баъзе аз силкаҳои адабиётҳои дар матни рисола додашуда ба тартиби руйхати адабиётҳо мувофиқат намекунад (масалан: саҳ. 49 ба андешаи Д.Б. Элконин [45, с. 88], дар руйхати адабиётҳо номи ин олим оварда нашудааст.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Эродҳои оварда шуда, ҷузъӣ буда, таъсири худро ба арзиши назарӣ ва амалии рисола надорад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогирифтанд, пурра инъикос мекунанд. Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин ба шиносномаи 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касб (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мутобиқ аст.

Диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (дар мисоли фанҳои риёзӣ – табиӣ), таҳқиқоти илмӣ – тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" – и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) арзанда аст.

***Муқарризи расмӣ:***

*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи математикаи олӣ*
*ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию*
*металлургии Тоҷикистон* *Туев Шоҳин Шоевич*

*Имзои Ш.Ш.Туевро тасдиқ менамоям.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон* *Мӯминова Д.М.*

*Маълумот барои тамос: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯч.Баротов А.6. Тел:+992927531988;* ***E-mail: Shohin-8888@mail.ru***

*Сана 20.01.2024с.*